**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи «Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи рисолаи Давлатова Моҳшариф Олимовна ба таҳлили муқоисавии омӯзиши қонуниятҳои истифодаи воҳидҳо ва сохторҳои забонӣ дар нутқ равона карда шуда, аз нигоҳи тарҷума барои рушди забоншиносӣ, махсусан, забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума муҳим арзёбӣ мегардад. Мавзуи таҳқиқ на танҳо аз хусусиятҳои монанд ва фарққунандаи бонизом, мунтазам ва устувори забон, балки, аз муқаррар кардани мутобиқатҳои байнизабонӣ иборат мебошад, ки бешубҳа барои тарҷума аҳаммияти зарурӣ дорад. Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавӣ аз нигоҳи тарҷума метавонад ба таҳияи дурусти тарҷумаи мукаммал асос гузорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқи** мазкурро ҷанбаҳои забонии мафҳумҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ташкил мекунад. Дар кори мазкур асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос ва тарҷумашинос баррасӣ гардидааст, ки дар самти забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ таҳқиқоти арзишманде ба анҷом расидааст. Бинобар ин, зимни баррасии масоили назариявии диссертатсия асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони шинохтаи хориҷӣ, аз қабили К.И. Ковалева [2001], В.Н. Комиссаров [2009], [2010], В.В. Сдобников [2007], Н.К. Гарбовский [2004], А.Б. Швенин [1979] ва муҳаққиқони тоҷик М. Шукуров [1985], [1996], Ш. Мухтор [1989], Ф.М. Турсунов [2006], [2016], С.Р. Кесамирова [2019], Қ.А. Зарипов [2023] ва ғайраҳо ҳамчун асоси методологӣ истифода шудаанд. Маҳз ҳамин самтҳои омӯхтанашудаи ҳолатҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ мубрамияти интихоби мавзуъро муайян мекунад.Қисмати мисолҳоро порчаҳои асари бадеии нависандаи барҷастаи англис Шарлотта Бронте "Ҷен Эйр", инчунин фарҳангҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, англисӣ- русӣ ва русӣ-англисӣ ташкил медиҳанд. Омилҳои гуногуни пайдоиши номувофиқатии воҳидҳои

луғавӣ дар тарҷумаи бадеӣ мавҷуд мебошанд, ки дарки онҳо ба мукаммалии тарҷума мусоидат менамояд;

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума”** буда, масоили назариявӣ ифода ёфтаанд, ки асоси раванди таҳқиқро ташкил медиҳанд, ки аз чор зербоб иборат аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳама забонҳо номутобиқатии воҳидҳои луғавӣ мушоҳида мегардад ва тарҷумон дар дилхоҳ маврид бо он дучор мешавад, аз ин рӯ, ӯ бояд дар бораи номутобиқатӣ дар раванди тарҷума донишҳои хуби назариявӣ дошта, онҳоро дар амал татбиқ намуда тавонад. Ин аст, ки таҳқиқи масъалаи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ мубрам арзёбӣ мегардад, зеро натиҷаҳои он дастури тайёр барои тарҷумонҳо, хусусан, тарҷумонҳои матнҳои бадеӣ мегарданд.

Мусаллам аст, ки дар баъзе мавридҳо номувофиқатии матни асл ва тарҷума аз рӯйи шакл ва мундариҷа боиси тағйир ёфтани муҳтавои матни асл мегардад. Диссертант масъалаи мазкурро ба бомуваффақият тарҷума кардани асарҳои бадеӣ ва рушд додани малакаҳои худтаҳриркунӣ ва худидоракунӣ анҷом намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюм “**Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ: мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ”** номгузорӣ шуда, дар он мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ баррасӣ гардидааст. Реалияҳо яке аз васеътарин гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил ба ҳисоб мераванд. Тарҷумаи онҳо ҳамчун гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил ба номувофиқатии матни асл ва тарҷума мусоидат менамояд.

Диссертант кӯшидааст, ки бо таҳлилҳои илмӣ ва саҳеҳ корро ба анҷом расонад. Таҳлилҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ муодил ва бемуодил нишон доданд, ки воҳидҳои луғавии матни асл дар забони тарҷума дорои муодилҳои пурра ва қисман мебошанд. Бо вуҷуди доштани муодилҳои пурра ва қисман дар раванди тарҷумаи асар ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки воҳидҳои луғавии муодилдори забони мабдаъ бо воҳидҳои луғавии забони мақсад мувофиқат намекунанд. Дар

ин боб диссертант омилҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавии муодилро бо мисолҳои гуногун шарҳу тавзеҳ додааст, ки навгонии кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Боби сеюм "**Таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар раванди тарҷума" унвон дошта** аз 4 зербоб иборат буда, зербобҳои якум, дуюм ва сеюм дар навбати худ ба зербахшҳо тақсим шудааст. Дар таҳқиқи боби мазкур номувофиқатии матни асл ва матни тарҷума пеш аз ҳама ҳамчун як падидаи хоси ҳама гуна забон баррасӣ шудааст, ки ҳатто дар раванди тарҷумаи забонҳои ба ҳам хеле монанд ба вуҷуд меояд. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар натиҷаи мутобиқат накардани воҳидҳои луғавии матни тарҷума бо матни асл ва ё баръакс ба вуҷуд меояд. Чунин номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ногузиранд, зеро комилан якзайл будани забон ва фарҳанги халқиятҳои англис, рус ва тоҷик ғайриимкон буда, онҳо мухталифанд. Диссертант Давлатова Моҳшариф Олимовна ба мақсаду вазифаҳои гузоштааш ноил гардидааст. Муаллиф асоси пурраи назариявиро овардааст ва дар асоси маводи асари бадеӣ бо забони англисӣ-русӣ-тоҷикӣ мисолҳои фаровон пешкаш намудааст.

Автореферат ва аннотатсияҳо бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, бо сабки илмии равон, саҳеҳ ва мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб шудааст. Дар автореферат интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ 6 адад мебошад, муҳтавои мавзуъро инъикос кардаанд, ки аз он 3 адад дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд.

Дар баробари ҳамаи муваффақиятҳо ва таҳқиқоти самаранок дар автореферат баъзе норасогиҳои техникиву имлогӣ ба назар мерасанд:

- Дар баъзе саҳифаҳои он хатогии техникӣ ба назар мерасанд (4, 7, 21, 32);

- Дар баъзе калимаҳо хатогии имлоӣ (саҳ.6) ба назар мерасанд. Бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Камбудиҳои зикршуда ислоҳпазир буда, сифати корро паст намекунад. Дар умум ҳамаи вазифаҳои дар кор гузошташуда иҷро карда шудаанд.

Тадқиқоти довталаб Давлатова Моҳшариф Олимовна кори ба итмомрасида маҳсуб ёфта, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ омода гардидааст. Он саҳми худро дар забоншиносии муқоисавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузорад. Рисола ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи мутолиоти аврупоии
Донишгоҳи миллии Тоҷикстон                Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич

15 майи соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. душанбе, куч. Севастополская 4, ҳуҷ. 30.
Тел: (+992) 918506382;
E-mail: akbar.n@mail.ru

Имзои Наҷмиддинов А.Ф.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ,
Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

Суроға: 734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: +(992)918506382
e-mail: Email: info@tnu.tj

15 майи соли 2025